# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Абдуллозода Шодмон Абдулло дар мавзуи «Такмили усулҳои назорати сифати сементатсияи саргаҳи қабати намак» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.8. Сохтмони гидротехникӣ) пешниҳод шудааст.**

Абдуллозода Шодмон Абдулло соли 2010 ба ихтисоси идораи мақомоти маҳаллӣ, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ дохил шуда, онро соли 2014 хатм намуд. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда, барои идомаи таҳсил соли 2019 ба шуъбаи магистратураи Донишгоҳи давлатии Данғара аз рӯйи ихтисоси 1-70040101 – Сохтмони гидротехникӣ дохил шуда, соли 2021 зинаи мазкурро бо ихтисоси 1-70040101 – Сохтмони гидротехникӣ хатм кардааст. Номбурда бо фармоиши директори Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон №167 аз 15.12.2021 ба ҳайси унвонҷӯи Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экология аз рӯйи ихтисоси 05.23.07 – Сохтмони гидротехникӣ қабул карда шудааст.

Абдуллозода Шодмон Абдулло фаъолияти кории худро дар Донишгоҳи давлатии Данғара соли 2021 ба ҳайси ассистенти кафедраи фанҳои муҳандисӣ ва сохтмони гидротехникӣ оғоз намудааст. Аз соли 2023 то ҳоло дар вазифаи муаллими калони кафедраи сохтмон ва меъмории Донишгоҳи давлатии Данғара кору фаъолият намуда истодааст.

Кори диссертатсионии унвонҷӯ Абдуллозода Ш.А. аз муаддима, 4 боб, 16 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби якум "Шарҳи ҳолати имрӯзаи сарбандҳо дар ҷаҳон ва усулҳои назоратӣ барои таҳкурсии сарбандҳо дар ҷинсҳои маҳлулшаванда" омор ва ретроспективӣ оид ба вайроншавии сарбандҳо дар сатҳи ҷаҳон, баррасии сарбандҳои сохташуда дар ҷинсҳои

маҳлулшаванда, баррасии усулҳои ченкунии кондуктометрӣ, шароити геологӣ ва гидрогеохимиявӣ дар минтақаи хобиши қабати намаки асоси сарбандҳои НБО - и Роғун оварда шудааст.

Дар боби дуюм "Тадбирҳои илмӣ-амалӣ, лоиҳавӣ-муҳандисӣ ва технологӣ оид ба ҳифзи қабати намак" баррасӣ ва интихоби варианти муҳофизати муҳандисии қабати намак, таҳлили кори насбкунии муваққатӣ барои тайёр ва тоза кардани намакоб, тавсифи насб ва таҳқиқи сифати маҳлул, таҳқиқи таъсири шустушӯи филтрҳо ба андозаи зарраҳои лой дар намакоб, таҳқиқот оид ба тоза кардани намакоб аз зарраҳои аз 25 мкм калон бо истифода аз филтри картричӣ, таҳқиқи зангзании қубурҳои намакоб, арзёбии дараҷаи минерализатсияи маҳлули намакдор бо кондуктометр ва усули геотермӣ барои таҳқиқи чоҳҳо, оварда шудааст.

Боби сеюм "Моделсозии математикӣ оид ба ҳалшавии конвективӣ-диффузионии қабати намак ҳангоми ба кор андохтани НБО-и Роғун" ба назарияи равандҳои конвективӣ–диффузионӣ, ки ба таъсироти байниҳамии оби тоза, ки аз обанбор бо ҷинсҳои ҳалшавандаи пояи садд ва ҳамчунин ба ҳалшавии конвективӣ–диффузионӣ аз саргаҳи қабати намак (марҳилаи 1), маҳлулшавии конвективӣ–диффузионӣ дар қабати намак бо шарти пайдо шудани шикастаҳо (марҳилаи 2) ва ҳисобкунии миқдори зарури маҳлул барои муҳофизати қабат бахшида шудааст.

Дар боби чаҳорум "Таҳлили натиҷаҳо ва баланд бардоштани назорати сифати корҳои сементатсияи қабати намак" технологияи гузаронидани корҳои сементатсионӣ дар саргаҳи қабати намак, таҳлили натиҷаҳои таҷрибаи сементатсия, таҳлили натиҷаҳои сементатсияи истеҳсолӣ дар саргаҳи қабати намак, арзёбии сифати корҳои сементатсионӣ бо натиҷаҳои чуқуркунии сӯрохиҳои назоратӣ ва санҷиши гидравликӣ, таҳқиқи ҷойгиршавии фазоии саргаҳи қабати намак ва қувваи он бо маълумоти чуқуркунии ҷустуҷӯӣ ва методи назорати ҷараёнҳои полоишӣ дар рӯди тарқиши Ёнахш оварда шудааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Абдуллозода Шодмон Абдулло дар мавзуи «Такмили усулҳои назорати сифати сементатсияи саргаҳи қабати намак» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олиии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.8. Сохтмони гидротехникӣ) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои техникӣ, дотсент Давлатшоев С.Қ.

«29» 12 соли 2025

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Бофанда 5/2
Телефон: (+992) 919604041
E-mail: salomatda@list.ru

Имзои н.и.т., дотсент С.Қ. Давлатшоевро тасдиқ мекунам:

Мудири ШК ИМОГЭ АМИТ Адамкулова С.С.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Бофанда 5/2
Телефон: (+992) 988658760
E-mail: sadafmo96@mail.ru

«29» 12 соли 2025